«Тасдиқ менамоям»
Ректори МДТ Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров
профессор Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.
«___» ___________ соли 2021

# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИКИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК Б.ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна таҳти унвони «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08-назарияи адабиёт. Матншиносӣ ба анҷом расидааст.

Ризобоева Наргис Мамадкаримовна соли 1995 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Аз соли 2012 дар филиали донишгоҳи технологии Тоҷикистон воқеъ дар шаҳри Исфара дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ ҳамчун омӯзгори калон кору фаъолият дорад. Соли 2017 ба сифати унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" шинохта шудааст.

Роҳбари илмӣ – Мирзоев Садриддин, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии форсу тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсияи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» (давраи истиқлолият) чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

**Ҳадафи таҳқиқот.** Ҳадафи аслии таҳқиқот пеш аз ҳама ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик хосатан дар ашъори Гулрухсор, Фарзона ва Гулноз мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Вазифаи таҳқиқ аз баррасӣ ва таҳқиқи мушаххаси масъалаҳои зерин иборат аст, ки барои ҳалли пурраи мавзӯъ мусоидат мекунанд:

- баррасии ҷараёнҳои шеъри муосири тоҷик ва тамоюлҳои навпардозӣ дар он;
- ибтикороти ҳунарии шоирон дар ашъори суннатӣ;
- ҷойгоҳи шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик ва навгароӣ дар он;
- таҳқиқи заминаҳои пайдоиши тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷикӣ;
- ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик;
- нақши тасвири парадоксӣ дар эҷоди мазмунҳои шоирона;
- замина ва омилҳои нуфузи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик;

- тасвири парадоксӣ дар ашъори ғиноӣ;
- таҳқиқи махсусиятҳои тасвири парадоксӣ дар шеъри нимоӣ ва сапед;
- омӯзиши вижагиҳои тасвири парадоксӣ дар таҳаввули ҳунари шоирии суханварон;
- баррасии нақши парадокс дар таҳаввули маънои шеър ва баёни муассири матлаб;
- таҳқиқи тасвири парадоксӣ дар ашъори бонувони суханвари муосири тоҷик (Гулрухсор, Фарзона, Гулноз).

**Масъалаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта шуданд:
- илман собит кардани мубрамии мавзӯъ ва интихоби он, нишон додани дараҷаи азхудшудаи мавзӯъ, маълум намудани ҳадафи таҳқиқ, навгониҳои пажӯҳиш;
- таҷдиди назар ба масъалаҳои таҳқиқи шеъри тоҷикии садаи ХХ, нигоҳе дигар ба ҷанбаҳои ҳунарии шеър ва таҳаввулоти бадеии шеър дар даврони истиқлол;
-даврабандии шеъри тоҷикии даврони истиқлол аз дидгоҳи хусусиятҳои ҳунарӣ;
- сарчашмаҳои нуфузи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик;
- натиҷагирӣ, хулосаи пажӯҳиш оид ба таҳқиқи ҷойгоҳи парадокс дар шеъри муосири тоҷик;

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия асосан усулҳои муқоисавӣ, оморӣ, татбиқӣ ба кор рафтаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар рисола аввалин маротиба дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи коркарди тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ба миён омада, то кунун доир ба ин масъала таҳқиқи монографӣ сурат нагирифтааст.

Бояд таъкид кард, ки рисолаи фавқуззикр дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти монографӣ мебошад, ки дар он масъалаҳои заминаҳои зуҳури тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ва нақши онҳо дар таҳаввули маъноиву ҳунарии каломи суханварон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс муайян шуд, ки тасвирҳори парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик аз мавқеъ ва мақоми муҳим бархурдоранд. Дар заминаи руҷӯъ ба ашъори шоирони имрӯз муқаррар карда шуд, ки шоирони муосири тоҷик барои дар сатҳи матлуб бардоштани тасвири парадоксӣ ва идомаи суннатҳои хоси шеъри классикии тоҷик дар мисоли ҳамин гуна як рукни ҳунарии шеърӣ нақши муассир гузоштаанд, ки дар миёни номи устодон чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Фарзона, Озарахш, Суруш, Гулноз, Адиба, Нуралӣ Нурзод, Бахроми Раҳматзод, Сурайё ва дигарон назаррас мебошад.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот.** Арзиши назарии диссертатсия, дар навбати аввал дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои илмии ба даст овардаи ӯ барои

таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии шеъри муосири тоҷик, хоса даврони истиқлол, аз ҷумла ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ, ки хеле кам таҳқиқ шудааст, барои доираи васеи муҳаққиқон ва мунаққидон, инчунин дигар гурӯҳи пажӯҳишгарону дилбохтангони маърифати шеъри имрӯз маводи илмӣ кӯмак менамояд.

Таҳлилҳои назарии анҷомёфта дар асоси омӯзиши таълифоти донишмандони ватаниву хориҷӣ, ки дар рисола ҷой гирифтаанд, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои ҳосилнамуда дар адабиёти даврай навин тақвият бахшида, дар таъйини вижагиҳои ашъори дорои тасвири парадоксӣ дар даврахои гуногуни таърихӣ, хусусун давраи навии ташаккули адабиёти муосири тоҷик мусоидат карда метавонад. Натиҷаҳои дар заминаи мабоҳиси ҷудогонаи рисолаи бадастомада ва равишҳои пажӯҳишии мавриди назари моро дар таҳқиқоти ҳамгун низ метавон ба кор гирифт.

**Арзиши амалии диссертатсия**. Арзиши амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки маводи ҷамъовардашуда дар рисола ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои хусусиятҳои мавзӯию ҳунарии шеърӣ муосири тоҷик, иншои китобҳо дар бораи таърихи адабиёти муосири тоҷик ва давраи истиқлолият, таълиф ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ, суханрониҳо дар мактабҳои миёна ва олӣ истифода кард.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**
**Нукоти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**:

- Парадокс ва тасвири парадоксӣ ҳарчанд дар адабиёти ҷаҳон собиқаи тӯлонии таърихӣ доранд, аммо дар адабиёти тоҷик ба замони сароғози шеъри тоҷикӣ, яъне ашъори Одамушшуаро Рӯдакӣ пайванд мегиранд.

- Ҳарчанд намунаҳои аввалини тасвири парадоксиро метавон дар сурудаҳои устод Рӯдакӣ ва шоирони ҳамасри ӯ ба мушоҳида гирифт, аммо бо зуҳури адабиёти тасаввуф ҷойгоҳи он бар қаламрави шеъри гузаштаи мо васеътар гардид.

- Бо густариши шеъри тоҷикӣ дар даврони инкишофи сабки ҳиндӣ тасвири парадоксӣ ҷойгоҳи хосе касб намуда, ҳатто ба як хусусияти бадеии

шеъри ин давра табдил ёфт. Ҳатто яке аз омилҳои нуфузи ин навъ тасвирҳоро дар шеъри муосири тоҷик таъсири намояндагони ҳамин сабк ба ин шоирон метавон унвон намуд.

- Дар қаламрави шеъри муосири тоҷик корбурди тасвири парадоксӣ роҳу шеваҳои мухталиф касб намуд. Қарор гирифтани суханварони муосири тоҷик, шурӯъ аз устодони шеъри имрӯз-Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор дар сарогози як марҳилаи муҳимми таърихи адабиёти муосир.

- Таҳлилу таҳқиқи ашъори шоирони муосири тоҷик равшан месозад, ки суханварони тоҷик новобаста ба он шеъри тоҷикӣ дар замони шӯравӣ тахти таъсири тафаккури идеологии ҳокимият қарор гирифта, ҷанбаҳои мавзӯӣ дар адабиёти ин давра нуфуз касб намуд, аммо суннатҳои нодири шеъри гузашта, бо шаклу шеваи хос идома кардааст, ки ҷилваҳои парадокс ва ҳиссомезӣ дар каломи шоирони давр, чун Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон ба чашм мерасад.

- Дигаргуниҳои куллие, ки дар адабиёти даврони истиқлоли миллӣ ба вуқуъ пайвастанд, омил бар он шуданд, ки дар идомаи суннатҳои хоси ҳунари шоирӣ дар адабиёти муосири тоҷик шаклу шеваи дигареро соҳиб шаванд. Аз ин нуқтаи назар маълум мегардад, ки насли адабии даврони истиқлолияти давлатӣ бо баҳраварӣ аз шеъри классикӣ, адабиёти халқиятҳои ҷаҳон барои ташаккули падидаҳои ҳунарӣ ва татбиқи унсурҳои ҳунарии шеъри халқиятҳои дигар нақши муассир гузоштанд, ки дар ин миён бозтоби тасвири парадоксӣ нақши муҳимеро касб мекунад.

- Марҳилаи нави ташаккули адабиёти муосири тоҷик ва зуҳури насли нави адабӣ барои тақвияти падидаҳои ҳунарии шеър омил омад ва таҳаввулоти эҷодшуда дар шеъри муосири тоҷик сабабгори таваҷҷуҳи муҳаққиқони хориҷӣ ба шеъри имрӯз гардид. Яке аз омилҳои аслии ин руҷӯъ пеш аз ҳама тамоюлҳои тозаи адабиву бадеӣ дар шеър ба шумор меравад. Ҳарчанд шоирони муосир ин тозакориҳоро дар заминаи суннатҳои роиҷи шеъри гузашта роҳандозӣ намуданд, вале маълум аст, ки баробари истиқбол ва баҳраварӣ дар шеъри гузашта барои такмил ва таҷдиди ин суннатҳо дар муҳити нави адабӣ иқдом намуданд, ки яке аз ин падидаҳо корбурди парадокс дар шеъри имрӯз ба шумор меравад.

- Шоирони муосири тоҷик бо идомаи шеваҳои хоси суннатҳои шеъри классикӣ равишҳои муайяни эҷоди тасвири парадоксиро пеш гирифтаанд, ки дар онҳо саноеи бадеии ташхис, тазоду муқобила, муболиға нақши асосӣ доранд. Аммо ба назар мерасад, ки ин навъ тасвирҳо дар таснифоти анҷомдодаи гузашта ба таври зарурӣ ворид нашудаанд ва гумон мекунем, ки баррасии тасвири парадоксӣ ва пайванди онҳо аз диди сохторӣ ба дигар анвои тасвир моро ба ин натиҷа мерасонад, ки минбаъд онҳоро низ ҳамчун як навъи мустақили тасвир муайян ва таҳқиқ намоем.

- Парадокс ва тасвири парадоксӣ барои баёни шево ва муассир ба кор мераванд. Шоирон ба хотири тасвири ҳолати дарунии хеш, ки дар воқеият изҳор намудан ё тасаввур кардани он ғайриимкон аст, ба воситаи эҷоди ин навъ тасвирҳо ҳам маъниҳои шоирона меофаранд, ҳамчун ҳолатҳои отифии хешро тасвир мекунанд, то ки суханашон ҷаззоб ва сабки эҷодашон муассир гардад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна таҳти унвони «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08- назарияи адабиёт. Матншиносӣ мувофиқ мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар панҷ мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои илмии аз ҷониби КОА – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда нашр гардидааст. Мазмуни рисола ҳамчунин дар шакли маърӯза ва гузоришҳои илмӣ дар маҳфилҳои илмӣ ва конференсияҳои донишгоҳӣ (солҳои 2017-2022) баён шудааст.

**Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. **Ризобоева, Наргис.** Вижагиҳои ҳунарии ғазалиёти Гулноз [мақола] /Н.Ризобоева //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши адабиётшиносӣ.- №3/80.-Душанбе- 2019.С.161 – 164.
2. **Ризобоева, Наргис.** Баррасии бархе аз хусусиёти ашъори сапеди Гулноз. [мақола] /Н.Ризобоева //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши адабиётшиносӣ -№6/83. -Душанбе -2019.С.127 – 131.
3. **Ризобоева, Наргис.** Тасвирҳои парадоксӣ дар тарҷумаҳои Фарзона. [мақола] /Н.Ризобоева //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши адабиётшиносӣ.-
№1/2 (86).- Бохтар -2021.С. 26-29.

**Мақолаҳои дигар дар маҷмӯаҳои илмӣ:**

1. **Ризобоева, Наргис.** Тасвирҳои мутаноқизнамо ва ҳиссомезӣ дар ашъори Мирзо Турсунзода. [мақола] /Н.Ризобоева //Паёми навраҳони илм. Хуҷанд-2021.с.213-220.

2. **Ризобоева, Наргис.** Парадокс ва тасвирҳои парадоксӣ дар шеър. [мақола] /Н.Ризобоева// ФДТТИ Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ. -Исфара-2020.с.
161-165.

Рисолаи номзадии Ризобоева Н. таҳқиқоти комил ва анҷомёфта ба шумор рафта, аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ бархурдор аст. Унвонҷӯ кори дорои арзишҳои муҳими пажӯҳиширо ба сомон расонидааст, ки ба забони хуби илмию назариявӣ таълиф гардида, барои муҳокима ва тавсия ба дифоъ пешниҳод мешавад. Дар маҷмӯъ диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна таҳти унвони «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08- назарияи адабиёт. Матншиносӣ
мувофиқ мебошад.

Кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна таҳти унвони «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08- назарияи адабиёт. Матншиносӣ ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 13 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, “зид” – 0, «бетараф» – 0
Қарори №3 аз 26-уми октябри соли 2021

Мудири кафедраи адабиёти муосири
тоҷики Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ӯлмасова З.Ҳ.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
Тел: +(992) 92 7714470
E-mail: zamira_ulmasova @mail.ru

Котиби ҷаласа муаллимаи кафедраи
адабиёти муосири тоҷик Шукурова З.Т.

Имзои Ӯлмасова З.Ҳ. ва Шукурова З.Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” Наврӯзов Э.М.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
тел:+(992)1170770700
E-mail: ddhkadr@mail.ru